Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

**12 январи соли 2002. Шанбе № 3 (12746)**

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 18.00 имзо гардид.


Ӯзбекистон маъвои умумии мост

## Бародарони ба ҷон баробарем

Халқи тоҷик мақоли хубе дорад: «ҳар киро дӯст нест, бародар нест, давлат нест». Дар тӯли тамоми таърихи худ халқи сермиллати Ӯзбекистон аз рӯи ин мақол амал карда, дӯстони зиёде пайдо кардааст, бародарони бешуморо пайдо кардааст, ки дар ҳамаи талхиву ширинии ҳаёт ва зиндагӣ бо онҳо ҳамдаму ҳамдард шудааст.

Халқи ӯзбек низ барои тоҷикон яке аз ин гуна дӯстони деринаи қадршинос ва бародар ба шумор меравад, ки ин дӯстиву бародарӣ асрҳоро дар бар мегирад. Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов беҳуда борҳо зикр накардааст, ки «халқҳои тоҷику ӯзбек як халқанду танҳо бо ду забон ҳарф мезананд». Ё худ адиби забардасти ӯзбек Ғафур Ғулом низ гуфта буд: «Мо ӯзбекону тоҷикон-халқҳои гуногунзабони якдил мебошем». Ифодаҳо мутлақо ҳаққонианд. Охир, забонҳои мо ба куллӣ гуногун бошанд ҳам, якдилӣ - муттафиқии мо, дӯстиву бародарии моро саҳифаҳои дурахшони дирӯзу имрӯзи таърихи ҳар ду халқ равшан тасдиқ мекунанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар Ӯзбекистон намояндагони беш аз 136 миллату халқият ҳаёт ба сар мебаранд, ки онҳо барои рушди тамоми соҳаҳои Ӯзбекистон саҳми беандозаи худро мегузоранд. Дар байни онҳо намояндагони миллати тоҷик низ мебошанд, ки баъди ба даст омадани истиқлолияти давлатии Ӯзбекистон бисёр орзуву омоли онҳо ҳам ҷомаи амал пӯшида, худро дар байни бародарон баробар ҳис мекардагӣ шуданд.

Акнун саволи ҳаққонӣ ба миён меояд: чуноне ки сарвари давлатамон Ислом Каримов зикр менамоянд, сулҳу салоҳ ва мӯътадилӣ боигарии аз ҳама калони мо буда, комёбии аз ҳама калони истиқлол ба ҳисоб меравад. Асоси онро дӯстӣ байни халқҳо, ризояти байнимиллӣ ташкил медиҳад. Ва он дар айёме, ки мо сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти шаҳрвандиро мақсади асосии худ қарор додаем, чӣ тавр таъмин карда мешавад? Таҳкурсии асосии ризоияти миллӣ дар Ӯзбекистон аз чӣ иборат аст, ки яке аз омили муҳими шукуфонии мамлакат ба ҳисоб меравад?

Пеш аз ҳама бояд зикр намуд, ки дар мамлакати мо риоя ба қонун, итоаткорӣ ба қонун ба мадди аввал гузошта шудааст, ки он пеш аз ҳама аз Қонуни Асосиамон-Конститутсия сарчашма мегирад. Дар давлати мо асоси ҳуқуқӣ, тамоми низоми ҳуқуқ ва қонунгузорӣ — Конститутсия-Қонуни Асосии мамлакат мебошад. Ислоҳоти ҳуқуқӣ, маданияти ҳуқуқӣ маҳз аз таҷдиди назар кардани Конститутсияи мамлакат сар мешавад. Ҳоли ҳозир ин фаъолият дар ҷумҳуриятамон доманадор давом дорад. Бо назардошти Конститутсия ва талаби замон ба як қатор қарору қонунҳое, ки пештар қабул шуда буданду алҳол баъзе нуктаҳои он аҳамияти худро аз даст додаанд, тағироту иловаҳо дохил карда мешаванд. Онҳо на фақат тағйиротҳои ҳоло дар ҳаётамон ба амал омадаро инъикос мекунанд, балки барои вусъати демократиконӣ ва инкишофи худидоракуниву худмуайянкунии мардум асоси мустаҳками ҳуқуқӣ мегузоранд. Ба ин нав кардани як қатор қонунҳои ҷумҳурият, ба бисёриашон даровардани тағироту иловаҳо мисоли равшан шуда метавонанд.

Дар низоми мақомоти давлатии Ӯзбекистон ба вуҷуд омадани рукнҳои нави демократӣ, аз қабили ҳокимияти қонунбарор, иҷроия судӣ, мақомоти худидораи шаҳрвандон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, бунёдҳои ғайридавлатӣ қадами калонест дар роҳи демократиконии ҳаёти ҷамъиятӣ ва сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёду ҷамъияти шаҳрвандӣ. Ташкил ёфтану бомувоффақият арзи вуҷуд намудани онҳо дар соҳаи пеш бурдани корҳои давлативу ҷамъиятӣ, бешубҳа, бурди калон аст. Зеро онҳо барои ташкил кардану ба роҳ мондани фаъолияти дигар зинаҳои ҳокимияту идораи давлатӣ, ҷамъиятӣ, худидораи шаҳрвандон таъсири бузург мерасонанд. Таҳти назорати аҳли ҷамъият фаъолияти худро ба роҳ мондани онҳо иқдоми бузургест дар роҳи сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти шаҳрвандӣ.

Қонуни Асосиамон кафолатгари сулҳу осоиш ва мӯътадилӣ дар мамлакатамон гардидааст. Конститутсия муносибатҳои давлат ва шаҳрвандонро мушаххасан муайян карда, имкониятро барои ҳаёти озодона, меҳнат, гирифтани дониш, истифода бурдани нерӯи ақлу заковат фароҳам овардааст. Роҳи пешрафтамон ҳам возеҳу равшан аст.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон зикр гардидааст, ки «халқ манбаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Халқи Ӯзбекистонро шаҳрвандони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон сарфи назар аз мансубият ба миллат таркиб медиҳанд». Боз дар моддаи 18-уми он зикр ёфтааст, ки «Дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқу озодиҳои якхела дошта, сарфи назар аз ҷинс, нажод, миллат, забон , дин, баромади иҷтимоӣ, эътиқод, мақоми шахсӣ ва ҷамъиятӣ дар назди қонун баробаранд».

Ва дар бобати ба рӯи об баровардани нуктаҳои моддаи мазкур дар солҳои истиқлолият дар ҷумҳурият корҳои зиёде ба иҷро расонда шуданд. Яъне аз имкониятҳои кафолатдодашудаи Қонуни Асосӣ мардуми гуногунмиллати ҷумҳурият баҳраманд мегарданд.

Набояд фаромӯш кард, ки алҳол дар Ӯзбекистон намояндагони 136 миллату халқият умр ба сар мебаранд, дар боби нигоҳ доштани забон, урфу одат, фарҳанг, анъаноти онҳо корҳои муайяне ба иҷро расонда шуд ва мешаванд ва дар ин бобат нақши марказҳои миллии фарҳангӣ низ калон аст.

Баъди ба даст омадани истиқлолияти давлатии Ӯзбекистон то ҳоли ҳозир дар кишвари мо баробари таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, ба масъалаи ҳифз намудан ва рушди забон, фарҳанг ва эътиқоди мазҳабии намояндагони миллатҳои гуногун эътибори ҷиддӣ дода мешавад.

**(Давомаш дар саҳифаи 2.)**

## Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 9 январ дар қароргоҳи Оқсарой вазири умури хориҷаи Федератсияи Россия Игор Ивановро пазируфт.

Меҳмонро бо сафараш ба Ӯзбекистон хайра мақдам гуфта, сарвари давлатамон зикр намуд, ки мулоқоти мазкур дар шароити кунунӣ, вақте ки вазъият дар саросари ҷаҳон ба куллӣ тағйир меёбад, имконияти мусоидро барои муҳокимаи рушди равандҳо дар минтақа фароҳам меоварад.

Ӯзбекистон ва Россия давлатҳоеанд, ки якдигарро шарикони стратегӣ меҳисобанд. Баъди сафари давлатии Президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов ба Россия моҳи маи соли гузашта муносибатҳои мутақобила мазмуну мундариҷаи навро пайдо карданд. Мубориза бо ҷинояткорие, ки бо терроризми байналхалқӣ, экстремизм ва нашъаҷаллобӣ алоқаманд ҳастанд, дар пойгоҳи ду ва серҷониба пурзӯр мегардад. Ҳамкории минтақавӣ дар мубориза бо ин иллатҳо дар доираи Ташкилоти шанхайии ҳамкорӣ ҳам пурзӯр мегардад.

Ҳамкорӣ байни Ӯзбекистон ва Россия ҳамчунин дар соҳаи иқтисодиёт ҳам вусъат меёбад. Ҳаҷми муовизаи мол моҳҳои январ-ноябри соли 2001 нисбат ба ҳамин давраи парерсол ба 15 фоиз афзуда, 1 миллиарду 28,6 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод. Баробари ин ҷонибҳо оид ба масъалаҳои баланд бардоштани нишондиҳандаҳои мазкур, вусъат додани миқдори корхонаҳои муштарак, ҳамчунин васеъ истифода бурдани иқтидорҳои корхонаҳои тайёрасозии ду мамлакат дар пойгоҳи шарикӣ кор пеш мебаранд.

Дар рафти сӯҳбат дар қароргоҳи Оқсарой оид ба масъалаҳои амнияти минтақавӣ, амалӣ гардондани амалиётҳои зиддитеррористӣ дар Афғонистон, рушди минбаъдаи ҳамкории ҷамъиятиву сиёсӣ ва иқтисодӣ байни ду мамлакат мубодилаи афкор ба амал омад.

**(ӮзА).**



## Арзёбии воло

Дар назди Ҷамъияти саҳҳомии механикаи Фарғона корхонаи муштараки ӯзбекистониву британии «Евроосиё Тапо-Диск» фаъолият пеш бурда, ба автомобилҳо диск тайёр мекунад. Коркунон дар бадали як рӯз 6-7 миллион сӯмина маҳсулотро омода месозанд, ки дар ин бобат саҳми 240 нафар ҷавонони маҳаллӣ калон аст.

Корхона пурра бо компутер фаро гирифта шудааст. Дастгоҳҳои замонавие, ки аз Ҳӯланд, Италиё ва Олмон оварда шудаанд, тавассути компутерҳо идора карда мешаванд. Ашёи хом аз Финляндия оварда мешавад. Роҳҳои арзон кардани арзиши аслии маҳсулотро ҷустуҷӯ доранд. Аз ҳама муҳимаш, маҳсулот ба содирот бароварда шуда, воло арзёбӣ мегардад.

**Дар сурат:** операторон **Донохон АШӮРОВА** ва **Набиҷон НУРАЛИЕВ** дар сари кор.

**Аксбардор: Муқимҷон ҚОДИРОВ. (ӮзА).**

## Намойиши наққошӣ

**Дирӯз дар намоишгоҳи Фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон намойиши асарҳои наққошони миллатҳои мухталиф баргузор гардид.**

Намоишгоҳро раиси Маркази байналмилали К.Расулов, намояндаи Девони Вазирон ва дигар раисҳои марказҳои миллӣ ифтитоҳ намуданд. Маҷлиси мутантанро К.Расулов ифтитоҳ намуда, перомуни эҳё ва инкишофи санъат, ҳунарнамоӣ ва ҳунари наққошии миллатҳои мухталиф дар 10 — сол суханронӣ кард. Пас аз он риштаи сухан ба дигар меҳмонон ва раисҳои марказҳо дода шуд. Дар маҷлиси мутантан намояндагони беш аз 30 миллат ҳозир буданд.

Қисмати дуввуми маҳфил бо садои «Қатори духулҳо» оғоз гардид. Консерти асбобҳои мусиқӣ ва ансамблҳои рақсу суруди чинойиҳо, корейсҳо, дӯнганҳо, гурҷиҳо, русу украйину булғорҳо ва дигар миллатҳо бисёр ҷолиб буд.

Дар толори табақаи аввал ва дуввуми намойишгоҳи ҳунарӣ таблуҳои наққошии миллатҳои мухталифро ба маърази тамошо гузоштаанд.

Манзараҳои дараи «Чимён» аз ҷониби наққошон Енин В, Нечаева В, Пономарев А. ва Салпинкидӣ Я, — портрети «Виолетта»-ро офаридаанд. Аз Санаев Х. «Мақбараи Исмоили Сомонӣ», Азизхонов Р. — портрети «Гатин М.Х.», Донетс А. — портрети «Пирамард», Шувалова Р. — «Наврӯз», Шарофиддинов Р. — «Билдирсой», Рустамов М. — «Футболбозон», Қурбонов Бобониёз — «Амударё», «Ҳавлии кухна», «Шом» Абдуллоев С. — «Шоми Ҳирот», Худойберганов Р. — «Оҳангсоз Р. Абдуллоев», Турсунов А. — «Ибодатхона» хеле нафис ва ҷолиб наққошӣ кардаанд.

Намойишгоҳ то 23 январ барои алоқамандон боз аст, ки ба муносибати даҳсолагии таъсиси Маркази байналмилалии фарҳанги ҷумҳурӣ созмон дода шудааст.

**Х.ӮРОЛЗОДА,**
**хабарнигори ҷамоатии «Овози тоҷик».**

**Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**

## Дар бораи таъсис намудани нишони хотиравии «O'zbekiston Respublikasi Qurolli Kuchlariga 10 yil»

Ба муносибати ҷашни даҳсолагии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва ба мақсади рағбатноксозии хизматчиёни ҳарбие, ки дар кори таҳкими қобилияти мудофиавии давлат ва сохтмони Қувваҳои Мусаллаҳ саҳми муносиб гузоштаанд:

1. Нишони хотиравии «O'zbekiston Respublikasi Qurolli Kuchlariga 10 yil» таъсис карда шавад.

2. Низом ва тавсифи нишони хотиравии «O'zbekiston Respublikasi Qurolli Kuchlariga 10 yil» тасдиқ карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон И. КАРИМОВ.**

шаҳри Тошканд,
25 декабри соли 2001.

***Замимаи рақами 1 ба Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 25 декабри соли 2001.***

## Низом

**Дар бораи нишони хотиравии «O'zbekiston Respublikasi Qurolli Kuchlariga 10 yil»**

1. Бо нишони хотиравии «O'zbekiston Respublikasi Qurolli Kuchlariga 10 yil» шахсоне, ки дар таҳкими иқтидори мудофиавии давлат ва сохтмони Қувваҳои Мусаллаҳ саҳми муносиб гузоштаанд, хизматчиёни ҳарбие, ки маҳорати баланди касбӣ, садоқатмандӣ ба кори ҳарбӣ ва ватанпарварӣ зоҳир кардаанд, ҳамчунин хизматчиёни ҳарбие, ки ба захира ҷавоб дода шудаанд ва мустаъфианду дар амалиётҳои ҳарбӣ барои ҳифзи истиқлол ва якпорчагии ҳудуди Ҷумҳурияти Ӯзбекистон иштирок намудаанд, ҳамчунин хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон мукофотонида мешаванд, ки ҳангоми иҷрои вазифаи ҳарбиву хизматӣ фавтидаанд, захм бардоштаанд ва шикаст дидаанд.

2. Мукофотонидан бо нишони хотиравии «O'zbekiston Respublikasi Qurolli Kuchlariga 10 yil» аз номи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар пойгоҳи фармони сарварони вазорату идораҳои дахлдор амалӣ гардонда мешавад.

3. Супурдани Нишони хотиравии «O'zbekiston Respublikasi Qurolli Kuchlariga 10 yil» дар вазъи мутантан аз номи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон — Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз тарафи шахсони мансабдор аз командири бригада сар карда аз ҷиҳати вазифа ба он баробар ва аз он боло амалӣ гардонда мешавад.

Якҷоя бо нишони хотиравӣ ба мукофотгиранда шаҳодатномаи шаклаш муқарраргардида супурда мешавад.

4. Нишони хотиравии «O'zbekiston Respublikasi Qurolli Kuchlariga 10 yil» ба тарафи чапи сари сина баъди мукофотҳои давлатӣ овехта мешавад.

5. Нишони хотиравии «O'zbekiston Respublikasi Qurolli Kuchlariga 10 yil» баъди фавти мукофотгирифта якҷоя бо шаҳодатномаи дар оилаи ӯ ҳамчун хотира боқӣ мемонад.

******

***Замимаи рақами 2 ба Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 25 декабри соли 2001.***

## Тавсифи

**Нишони хотиравии «O'zbekiston Respublikasi Qurolli Kuchlariga 10 yil»**

Нишони хотиравии «O'zbekiston Respublikasi Qurolli Kuchlariga 10 yil» аз гудохтаи мис тайёр гардида, бо тиллои ғафсиаш 0,25 микрон рӯкаш карда мешавад ва доираваш 34 миллиметрро ташкил медиҳад.

Дар пеши нишони хотиравӣ сипар бо шамшерҳои ҳамдигарро буридагузашта дар партави ситораи ҳаштқирра акс ёфтааст. Дар сипар Ҳилол ва ситорача акс ёфтааст. Дар қисмати поёнии сипар тасмаи алвонҷхӯрдаистода бо навиштаҷоти 1992-2002 сабт ёфтааст, ки маънои асос гузоштан ва санаи ҷашни Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурияти Ӯзбекистонро ифода мекунад.

Дар қад-қади доираи нишони хотиравӣ чунин навиштаҷот сабт ёфтааст: «O'zbekiston Respublikasi Qurolli Kuchlariga 10 yil».

Дар пушти нишони хотиравӣ Нишони давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон акс ёфтааст.

Тасвирҳо ва навиштаҷот барҷастаанд.

Гӯшаҳои нишони хотиравӣ ҳошиядоранд.

Нишони хотиравӣ бо кӯмаки ҳалқача ба колодкаи панҷгӯшае, ки бо тасмаи шоҳии муҳайяри 24 миллиметра зеб дода шудааст, пайваст мегардад. Бари тасма 2 миллиметр буда, бо хатҳои ранги зарди ҳошиядор фаро гирифта шудааст. Аз мобайни тасма 2 хати сабзи барашон 3 миллиметра, хатти сабзи ҷудогардидаи ғафсиашон 2 миллиметра мегузаранд.

**Қарори Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**

## Дар хусуси даровардани тағйирот ба қарори Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 24 апрели соли 1997 рақами 397-1 «Дар бораи тартиби дар амал татбиқ кардани Кодекси андози Ҷумҳурияти Ӯзбекистон»

Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон **қарор мекунад:**

Банди 5 қарори Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 24 апрели соли 1997 рақами 397-1 «Дар бораи тартиби дар амал татбиқ кардани Кодекси андози Ҷумҳурияти Ӯзбекистон» дар таҳрири зайл баён гардад:

«5. Низоми декларатсиякунонии ҷамъулҷамъи даромади шахсони ҷисмонӣ аз даромадҳое, ки соли 2003 ба даст меоянд, ҷорӣ карда шавад».

**Раиси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Э. ХАЛИЛОВ.**

шаҳри Тошканд,
7 декабри соли 2001.

**Қарори Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**

## Дар бораи даровардани тағйирот ба Низом дар бораи Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон оид ба ҳифзи табиат

Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон **қарор мекунад:**

Тағйиротҳои зерин ба Низом дар бораи Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон оид ба ҳифзи табиат, ки бо қарори Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 26 апрели соли 1996 тасдиқ гардидааст (Ахборотномаи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, соли 1996, рақамҳои 5-6, моддаи 70; соли 2000 рақамҳои 5-6, моддаи 153, рақамҳои 7-8, моддаи 217) даровардa шаванд:

1) аз зербанди «г»-и банди 13 суханони «замин» соқит карда шавад.

2) дар банди 21 суханони «бе монеъа ворид шудан» бо суханони «ворид шудан мувофиқи тартибе, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст» иваз карда шаванд.

**Раиси Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Э. ХАЛИЛОВ.**

шаҳри Тошканд,
7 декабри соли 2001.

## Ташаббуси собиқадорон

Собиқадорони Кармана ба муносибати Соли эъзози куҳансолон эълон гардидани соли 2002 ба аҳолии ноҳия ва вилоят муроҷиатнома қабул карданд.

Дар муроҷиатнома, ки ба Президент ва давлат оиди ғамхории пайвастаашон ба куҳансолон миннатдорӣ изҳор карда мешавад, собиқадорони Кармана аҳолии вилоятро даъват мекунанд, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ боз ҳам фаъолтар бошанд. Онҳо ҳамчунин дар раванди навсозии мамлакат мақоми муносиб доштанашонро ба алоҳидагӣ зикр намудаанд.

«Шаҳрҳо ва деҳоти вилояти мо дар солҳои охир симои тамоман нав пайдо карданд, — гуфта мешавад дар муроҷиатнома, — онро боз ҳам ободу зебо гардонданд, ташкили боғу хиёбонҳои нав, нигоҳ доштани муҳити соф, обод гардондани кӯчаву маҳаллаҳо вазифаи умумии шаҳрвандии мост».

Ташаббуси собиқадорони Карманаро аҳолии вилояти Навоӣ ҷонибдори намуд. Аз аввали баҳор шинондани 3 миллион бех ниҳоли дарахтони боровару манзаравӣ дар шаҳру деҳот ба нақша гирифта шудааст.

**Ёрқул УМАР,**
**мухбири УзА.**

## Самти устувор

Дар мамлакати мо тарбияи авлоди баркамол яке аз вазифаҳои устувор қарор дода шудааст. Мувофиқи Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо низоми бардавоми солимгардонии ҷавонон таҳия гардида, ҳоли ҳозир ҷавонписарону духтарон ба варзиш васеъ ҷалб карда мешаванд. Имкониятҳо дар бобати рушду оммавӣ гардидани варзиш дар байни ҷавонони пойтахти ҷумҳурият чӣ тавр истифода бурда мешаванд?

Масъалаи мазкур дар маҷлисе баррасӣ гардид, ки ҳокимияти шаҳри Тошканд созмон дод. Дар он ҳокимони ноҳияҳо, кормандони мақомоти ҳифзи қонуну тартибот, сарварони бонкҳо, намояндагони Бунёди «Маҳалла» ва Ҷунбиши ҷамъиятии ҷавонони «Камолот» иштирок намуданд.

Чуноне ки дар маҷлис, ки таҳти сарпарастии ҳокими шаҳри Тошканд Р.Шоабдураҳмонов гузашт, зикр гардид, ҳоли ҳозир дар мактабҳои таълими ҳамагонии пойтахтамон беш аз 400 ҳазор мактаббача таҳсили илм мекунад. Вале қисми зиёди онҳо бо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш муназзам машғул намегарданд. Аз ин рӯ, вазифаи асосии имрӯза васеъ ҷалб кардани ҷавонон ба тарбияи ҷисмонӣ на танҳо дар раванди таҳсил, балки дар айёми вақти озоди онҳо, минбаъда рушди заминаи моддиву техникии маҷмӯъҳои варзишӣ ба ин мақсадҳо, дар ин бобат ба таври васеъ истифода бурдани кӯмаки васоятгарон мебошад.

Ба ҳамин мақсад кори федератсияҳои шаҳрро оид ба намудҳои мухталифи варзиш пурзӯр гардондан зарур аст. Дар ин бобат ба намудҳои оммавии варзиш ҷалб сохтани наврасон мувофиқи синну солашон ва пурзӯр кардани самти мазкур аҳамияти муҳим касб мекунад. Ва он беҳдошти сифати тайёркунии кадрҳо, босамар истифода бурдани иншоотҳои варзиширо дар ҳудуди маҳаллаҳо ва инкишофи намудҳои оммавии варзиш тақозо дорад.

Аз рӯи ин масъала дар маҷлис тадбирҳои амалӣ андешида шуданд.

**Назокат УСМОНОВА,**
**мухбири ӮзА.**

## Вазифаи ҳар кадоми мост

Бо ташаббуси Президент Ислом Каримов соли 2002 дар мамлакатамон Соли эъзози куҳансолон эълон гардид. Бо ҳамин бори дигар диққату эътибор ба он ҷалб карда шуд, ки дар ҳамаи комёбиҳои ҳаётамон саҳми куҳансолон беқиёс мебошад ва вазифаи ҳар кадоми мо аз ҳамин иборат аст, ки ба онҳо шароити мусоидро барои кору зиндагониашон фароҳам оварем.

Дар ин бора сухан дар семинари илмиву амалӣ таҳти унвони «Асосҳои маънавиву маърифатии дар шуури ҷавонон ба вуҷуд овардани ҳисси ҳурмату эҳтиром нисбати калонсолон» рафт, ки Маркази ҷумҳурии «Маънавият ва маърифат» якҷоя бо Пажӯҳишгоҳи бозомӯзӣ ва баланд бардоштани малакаи кормандони омӯзгории вилояти Тошканд гузаронд. Дар он зикр гардид, ки нақши омӯзгорон ва мураббиён дар бобати дар шуури ҷавонон ҷойгир сохтани чунин арзишҳо, аз қабили ҳурмату эҳтироми калонсолон, муносибати самимӣ ба онҳо, мубаддал гардондани ин сифатҳо ба эътиқоди умумиинсонӣ хеле калон мебошад.

**З. ЭШОНҚУЛОВ,**
**мухбири ӮзА.**

## «Медибус»-ҳо дар Мирзочӯл

Баробари дар кӯчаҳои шаҳр ба роҳ мондани рафтуомади «Медибус»-ҳои СамКоҷавто барои ҷиззахиён шароитҳои хуб фароҳам оварда шуд.

Дар арафаи соли нав «Медибус»-ҳои кӯчак ба як қатор марказҳои ноҳияҳои вилоят рафтуомад мекардагӣ шуд. Аз маркази ноҳия ба Мирзочӯли дурдаст рафтуомад кардани автобусҳои кӯчак хусусан ба сокинони ноҳия қулай шуд. Ба роҳ монда шудани ҳаракати «Медибус»-ҳо дар байни Ҷиззаху Мирзочӯл на танҳо барои мирзочӯлиён, балки ба аҳолии ноҳияҳои Пахтакору Дӯстлик қулай фароҳам овард.

— Ҳоло дар кӯчаҳои вилояти Ҷиззах 30 «Медибус» ҳаракат мекунад, дар рӯзҳои наздик шумораи онҳо ба 50 мерасад, — мегӯяд роҳбари корхонаи муштараки «ӮзЭКСАЙД»-и ӯзбекистонию амрикоӣ Г.Тошбеков.— 15 автобуси кӯчак дар атрофи шаҳр ба мусофирон хизмат мерасонад.

## Маҳсулоти корхонаи муштарак

Корхонаи муштараки «Дамир», ки дар Ҷиззах воқеъ аст, бо шарикони хориҷӣ равотиби мутақобиларо барқарор месозад. Дар корхонаи муштараки бо фирмаи «Авиасилк корпорейшн»-и Ветнам созмондодашуда аз пилла ресмон мегиранд. Мутахассисон аз корхонае, ки аз соли нав ба истеҳсоли маҳсулот пардохт, умеди калон доранд.

Корхонаи муштараки ӯзбекистонию олмонии «ЛРС ПЛАСТ» бошад, ки тирамоҳи соли гузашта ба фаъолият шурӯъ карда буд, 186,1 миллион сӯмина маҳсулот тайёр кард ва аз соли нав ба истеҳсоли қубурҳои газу оби андозаашон мухталиф пардохт.

**(ӮзА).**



# Ӯзбекистон маъвои умумии мост

## Бародарони ба ҷон баробарем

(Аввалаш дар саҳифаи 1.)

Барои мисол созмон додани марказҳои миллии фарҳангиро гирем. Аввали солҳои 90-ум дар ҷумҳурият миқдори ин марказҳо ангуштшумор буд. Имрӯзҳо бошад, дар Ӯзбекистон беш аз 120 маркази миллии фарҳангӣ фаъолият пеш мебарад, ки онҳо баробари эҳёи расму оин, адабиёт ва анъаноти халқҳои бародари маскуни Ӯзбекистон, дар бобати таъмини осоиштагӣ, ризояти байнимиллӣ, ҳамбастагии аҳли кишвар саҳми калон мегузоранд. Ва фаъолияти онҳоро Маркази байналмилалии фарҳанги ҷумҳурӣ мувофиқу мутобиқ месозад, ки алҳол даҳсолагии созмон ёфтани он дар саросари ҷумҳурият дар пойгоҳи амри Девони Вазирон васеъ таҷлил меёбад. Охир хизматҳои Маркази байналмилали фарҳанги ҷумҳурӣ дар бобати муттаҳидсозии миллатҳо ва халқиятҳои Ӯзбекистон ниҳоят калон аст. Вай ҳамчун ташкилоти мустақил арзи ҳастӣ карда, ба фаъолияти марказҳои миллии фарҳангӣ сарварӣ мекунад, ба сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар бобати қонеъ гардондани талабҳои маънавии гурӯҳҳои мухталифи миллие мадади калон мерасонад, ки дар Ӯзбекистон ҳаёт ба сар мебаранд.

Барои бо китобҳои дарсӣ таъмин кардани мактабҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ, қазоқӣ, русӣ, қирғизӣ, туркманӣ дар назди нашриёти «Ӯзбекистон»-и Кумитаи давлатии матбуот редаксияи махсус кор мекунад. Аз тариқи телевизиони кишвар барномаҳо ба забонҳои русӣ, тоҷикӣ, қазоқӣ, қирғизӣ, корейсӣ, тоторӣ, уйғурӣ намоиш дода мешаванд. Барномаи «Дӯстӣ»-и радиои Ӯзбекистон ҳам чун мунодии дӯстиву рафоқати сокинони ҷумҳурӣ пурсамар амал менамояд. Аз «мавҷ»-ҳои он таронаҳою навоҳои дилнишини халқҳои бародар садо медиҳанд.

Дар бобати воситаҳои ахбори оммавӣ муфассал ҳарф назанем ҳам мешавад. Фақат як далели хушояндро дар ин маврид зикр карданӣ ҳастем, ки ба замми рӯзномаи «Овози тоҷик» ва чанд рӯзномаи тоҷикии вилоятиву ноҳиявӣ дар телевизиони ҷумҳурӣ барномаҳои «Меҳрангез»-у «Рангинкамон», дар радиои ҷумҳурӣ гуфторҳо ба забони тоҷикӣ мунтазам шунавонидаву намоиш дода мешаванд.

Дар назди Иттифоқи адибони Ӯзбекистон чандин сол аст, ки шӯъбаи тоҷикӣ фаъолият дорад ва ин шӯъба чандин нафар қаламкашони тоҷикро дар атрофи худ муттаҳид кардааст. Аз он ҷумла онҳо ба узвияти Иттифоқи адибон қабул карда шуданд ва мешаванд.

Яъне дар ин кишваре, ки хуршеди истиқлол партав афкандааст, намояндагони миллату халқиятҳои гуногун дар паҳлӯи халқи бародари ӯзбек истода, чун фарзандони як хонаводаи пурмеҳру сафо аз неъматҳои ин даврон ва ҳам саховати маъвои ягонаамон Ӯзбекистон баробар баҳраманд мешаванд. Фарзандони соҳибистеъдоди онҳо дар идораи мақомоти давлативу ҷамъиятӣ, созмонҳои иҷтимоӣ иштироки фаъолона доранд.

Чӣ хушнудии бузург аст, ки имрӯз дар рӯзи таҷлили даҳсолагии созмон ёфтани Маркази байналмилали фарҳанги ҷумҳурӣ, мо ҳама чӣ гуна ба пояҳои нав боло бардошта шудани ин дӯстии вайроннашавандаи миллату халқиятҳои моро бори дигар ботантана ҷашн мегирем ва савганд ёд мекунем, ки минбаъд ҳам ин неъмати безаволи замони мо, ҷамъияти мо, сохти давлатдорӣ, сохти ҷамъиятамонро ҳамеша мисли гавҳараки чашм маҳфуз нигоҳ медорем, онро боз ҳам шӯҳрат медиҳем.

Бояд бо таассуф эътироф кард, ки ҳанӯз якта-нимта кӯтоҳандешон ҳам ҳастанд, ки аз кундаи донишу маърифати худ бо ину он баҳонаҳои пуч таърихи халқҳои моро ба ҳам муқобил гузоштан хоста, онро дар оинаи каҷ нишон медиҳанд ва бо ҳамин ба ҳамкорӣ, рафоқату дӯстию бародарии байни миллату халқиятҳои мо, ки асрҳо ин ҷониб давом мекунанд, шубҳа меоваранд. Ба ин гуна ҳуруҷҳои ноҷӯяю зарарнок мардуми покдилу ба ҳам вафодори мо, ки дар мактаби олии байналмилалӣ тарбия ёфтаанд, аз мавқеи ғояҳои олии мафкураи истиқлол ҷавоби қатъӣ дода хоҳанд гуфт:

Дӯстии моро, ғояи мустаҳкаме ба чунин мақоме баланд бардоштааст, ки ягон қувва ва қасди бади нохалаф онро вайрон карда наметавонад.

Оре, имрӯз намояндагони беш аз 136 миллату халқият ба ин савганд бо ҳам боз дӯстона даст мефушуранд ва дар назди ҷамъият бо дили поку чеҳраи кушод аз тантанаи дӯстии самимиашон масруру мамнун гашта, такрор мекунанд, ки дӯстии моро оғоз ҳасту анҷом нест.

Дӯстии мо мисоли равшани бародарӣ, ҳамкорӣ ва ёрии ҳамдигариест, ки сол ба сол мустаҳкам мегардад ва инкишоф меёбад. Ва ин дӯстӣ дар муборизаи шадид барои ҳаёти нави хушбахтона, бе зулму ҷабр ва истисмор вусъат меёбад ва мустаҳкам мешавад.

Ва ин миллату халқиятҳо аз ҳамаи неъматҳои рӯи замин дурри ягона-дӯстӣ ва аз ҳамаи суханони мақбултарину писандтарин-бародариро пеша намудаанд.

**Э. ТУРДИҚУЛОВ,**
**аъзои Кумитаи тадорук оид ба тайёрӣ ва гузарондани ҷашни даҳсолагии Маркази байналмилали фарҳанги ҷумҳурӣ.**

## Тақдимоти асарҳои дӯстӣ

***Дар доираи ҷашни даҳсолагии таъсиси Маркази байналмилалии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, ки мувофиқи қарори Девони Вазирони ҷумҳурӣ дар саросари кишвар имрӯзҳо ҷашн мегардад, тақдимоти китоби «Ӯзбекистон маъвои умумии мо» ва филми мустанаде бо ҳамин ном дар Кохи кинои ҷумҳурӣ ба амал омад.***

Тавре ки дастандаркорони чопи китоби номбурда дар саҳна ба ҳозирон муроҷиат намуда гуфтанд, дар таи даҳ соли мавҷудияти Маркази фарҳанги ҷумҳурӣ ин шашумин чунин китоб аст ва хурсандиовар мебошад, ки он маҳз дар арафаи ҷашни даҳсолагӣ рӯи чопро дид.

Дар китоб аксҳои ранга аз тадбирҳои фарҳангии миллатҳои гуногун низ ҷилдҳои онро ҷило бахшидааст. Ва албатта дар таҳияи китоб аз матолиби воситаҳои ахбор истифода гаштааст, ки ба муносибати ҷашни даҳсолагӣ барои мақолаҳои ҷолиб дар мавзӯъҳои дӯстӣ ва ваҳдату ҳамбастагии қавмҳои ҷумҳурӣ озмуни эҷодӣ низ эълон гашта буд. Дар ин тақдимот ғолибони ин озмун низ бо мукофотҳои пулӣ сарфароз гардонда шуданд.

Филми мустанад бошад, аз ҷониби ширкати давлативу саҳҳомии «Ӯзбеккино» ба навор бардошта шудааст, ки аз ҳаёту сарнавишти намояндагони баъзе миллатҳо, ки бо амри тақдир ба Ӯзбекистон омада ва ё дар ин сарзамин зоида шуда, онро Ватани худ номидаанд, қисса менамояд. Аз гурҷиву олмониву тотору яҳудӣ ва русу куриёӣ, ки сарнавишт онҳоро дар солҳои мухталифи як-якуним қарни охир ба ин сарзамин андохтааст, дар ин филм наворҳо намоиш дода шуд. Ва албатта ҳамаи онҳоеро, ки бо тақозои давру ирода ба Ӯзбекистон омада, дар ин ҷо иқомат ихтиёр намудаанд, дар ин филми кӯтоҳ ҷой додан аз имкон берун буд.

**Хабарнигори мо.**



## Сабақ аз гузаштаву имрӯз

**Инсоне, ки дар панҷоҳ соли охир тақдири худро бо тарбияи насли ҷавон пайваста, дар ин муддат бо корҳои дигар низ машғул шудааст, дар вазифаи муовини ҳокими шаҳри Ангрен иҷрои вазифаи масъулиятнокро низ ба ӯҳда доштааст. Ҳамаи ин зинаҳои таълим ва вазифаҳои роҳбарӣ барои Иноятҷон САЙФУДДИНОВ мактаби бузурге буд, аммо дар ин асно созмон додани ҷамъияти фарҳангӣ ҷои худро дорад...**



Бо номи «Садои Оҳангарон» дар шаҳри Ангрен (вилояти Тошканд) дар солҳои бозсозии горбачёвӣ ҷамъияти фарҳангии тоҷикон арзи вуҷуд намуд, ки ин эҷоди Иноятҷон Сайфуддинов ва ҳаммаслакони ӯ буд. Аммо дар паҳлуи вазифаи масъулиятноки муовини ҳокими шаҳри Ангрен ба ӯҳда гирифтан ва ташкил намудани чунин ҷамъият кори саҳл набуд. Аммо Иноятҷон Сайфуддинов ба таҷриба ва дониши худ такя намуда ба ин иқдом сайъ намуд.

Ва албатта дар чунин рӯзҳо, ки бо қарори Девони Вазирони Ӯзбекистон даҳсолагии таъсиси Маркази байналмилалии фарҳанги Ӯзбекистон ҷашн гирифта мешавад, аз он солҳо ёд намудан ногузир буд, зеро созмон ёфтани ҷамъияти фарҳангии «Садои Оҳангарон» дар ҳаёти мадании тоҷикони шаҳр нақши носутурданӣ дорад.

Агарчӣ ҳоло Иноятҷон Сайфуддинов синни ҳафтодро истиқбол менамояд, фаъолияти омӯзгориро қатъ намекунад. Дар мактаби касбу ҳунари рақами 14 директор мебошад. Дар иҳотаи шогирдон ва насли наврас будан ҳамеша барои омӯзгори пуртаҷриба замина ба вуҷуд меорад, ки истеъдод ва маҳорати андӯхтаи худро зоҳир намояд, зеро ин таҷрибаи соҳаи таълим ва тарбияи ӯ на танҳо аз гузашти айём ва сабақи синфхонаҳо, балки аз мутолиаву аз васеъназарӣ ба даст омадааст.

Дар ҳар сурат ҳамаи ин дар муаллим Сайфуддинов аз бачагӣ дар мағзаш ҷамъ шуда омадааст, зеро агарчи бачагӣ ва наврасии ӯ ба солҳои ҷанг ва баъдиҷангӣ рост омадааст, омӯхтан ва аз вақти мавҷуда ба ин мақсад истифода намудан роҳи ягонаи ҷавони навхат будааст. Гузашта аз ин на танҳо таърихи зиндаи мардум ва атрофи худ, ҳатто гузаштаи пешинро низ хуб медонад. Яъне аз гузашти рӯзгор ҳам сабақ бардоштааст ва ҳам сабақ дода меояд. Солҳои кор дар кумитаи ҳизби шаҳри Ангрен ба сифати мудири шӯъбаи корҳои ташкилӣ ва дарсдиҳӣ дар Донишкадаи омӯзгории Ангрен ба ин таҷриба фақат дарси нек зам намудааст.

**Юсуфалӣ МИРЗОЕВ,**
**Абдусаттор ШАРОФИДДИНОВ.**

## Маркази байналмилалии фарҳанги ҷумҳурӣ даҳсола шуд

# «Ориёно» ҳамоҳанг месозад

***Дар даҳаи аввали моҳи январи соли 2002 дар Маркази байналмилалии маданияти ҷумҳурӣ барои гузаронидани ҷашни 10-солагии фаъолияташ тадбирҳо гузаронида шуд.***

Дар Ҷумҳурияти Ӯзбекистон беш аз 120 маркази маданияти миллатҳо мавҷуд буда,30-тои он дар шаҳри Тошканд фаъолият дорад.

Имрӯзҳо дар ҳамаи Марказҳои миллӣ барои гузарондани ҷашни мазкур омодагӣ мегиранд.

Ҳайати раҳбарият ба ҷашни 10-солагӣ таҳти сарпарастии ҷонишини нахуствазир Ҳамидулло Кароматов омодагӣ мегирад.

Қатори дигар марказҳо Бунёди фарҳанги тоҷикони шаҳри Тошканд «Ориёно» барои гузарондани ҷашн ҳамоҳангӣ мекунад. Бунёди фарҳанги тоҷикони Тошканд «Ориёно» созмони мустақили иҷтимоие мебошад, ки фаъолияташро 8 июни соли 1990 оғоз кардааст.

«Ориёно» аз рӯи барнома ва оинномаи худ дар заминаи густариш ва таҳкими суннатҳои миллии фарҳангии тоҷик амал мекунад. Барои мустаҳкам намудани мустақилияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, барпо намудани асосҳои ҷамъияти демократии ҳуқуқбунёд, ҳифзи осоиштагии давлат ва халқ, барқарор намудани дӯстии халқҳо ва ҳамкории онҳо иштироки фаъолонаи тоҷиконро ҳадаф ва вазифаи асосии худ мешуморад, мутаносибан бо қонуни асосӣ Ҷумҳурияти Ӯзбекистон фаъолияташро пеш мебарад. «Ориёно» аз ҳуқуқҳои адлиявии дахлдор бархурдор буда, ҳақ дорад, ки бо созмонҳои дигар ҳамкорӣ кунад, шартнома бандад, хариду фурӯш анҷом диҳад.

Мухтасар аз таърихи созмони «Ориёно». Соли 1989 худшиносии миллатҳо байни мардум авҷ гирифту чандин маркази маданияти миллатҳо ба вуҷуд омад. Аз он ҷумла маркази маданияти юнониҳо, тоторҳо, тоторҳои Қрим, арманҳо, корейсҳо, озариҳо, уйғурҳо, русу украинҳо ва ғайра ташкил гардид.

Ҳамсоя аз ҳамсоя панд мегирад, гуфтаанд дар урфият. Аз ин хусус дар «Овози тоҷик» Мӯҳсин Умарзода — ҷонишини сармуҳаррир ва Юсуфалӣ Мирзоев — мудири шӯъбаи рӯзнома ба дӯстон хабар карданд ва пешниҳод шуда буд, ки гурӯҳи ташаббускор ташкил намоем. Дар натиҷа соли 1989 гурӯҳи ташаббускор иборат аз М. Умарзода, Н.Толибов, Ю. Мирзоев, Х. Уролов, С. Инъомхӯҷаев. М. Шоалиева, Б. Тӯйназаров, Абдуллоҷон Ортиқбоев ташкил шуд, «Ойинннома» ва «Барномаи марказ» навишта шуд. Чандин маротиба гурӯҳи ташаббускор ва дигар равшанфикрон ҷамъ омаданду музокира карданд. Ниҳоят 8 июни соли 1990 дар толори ҷамъияти «Дониш»-и Ӯзбекистон конфронси таъсисиро созмон доданд. Анқариб 400 нафар равшанфикрон ба конфронс даъват шуданд. Генерали бознишаста Абдуллоҷон Ортиқбоев ба конфронс раисӣ карданд. Бунёди фарҳанги тоҷик «Ориёно» ташкил шуд.

Ҳадафи асосӣ аз созмони «Ориёно» кумак кардан ба тоҷикони шаҳр дар густариш ва таҳкими суннатҳои миллӣ, фарҳангӣ, маънавӣ, омӯхтани забони модарӣ, адабиёт ва таърихи миллат мебошад.

Вақти номгузорӣ чандин номҳо пешниҳод гардид. Баъд аз музокира номи «Ориёно» бо як овоз қабул шуд. «Ориёно» дар зарфи солҳои 1990-94 то қадри имкон мунтазам фаъолияташро пеш бурд. Якчанд тадбир оид ба таблиғу омӯхтани фарҳангу адабиёт ва ҷашнҳои миллӣ баргузор намуд. Солҳои 1990-92 Мӯҳсин Умарзода аввалин раис ва солҳои 1993-94 Собитхон Қурбонов раис интихоб шуда буданд. Солҳои 1989-94 аз ҷониби ЮНЕСКО бахшида ба 1000 солагии асари безаволи Фирдавсӣ «Шоҳнома» «Панҷ соли «Шоҳнома» эълон гардид. Ба ин муносибат чандин маротиба дар чойхонаи ба номи Фирдавсӣ тадбирҳо: Шоҳномахонӣ, маҳфилҳои «Пайванди ҳамзабонон», «Базми шеър» ва дигар ҷамъомадҳои фарҳангию адабӣ ташкил карда шуд. Дар моҳи июли соли 1993 конфронси ғайринавбатии БФТ гузаронда шуд. Таҳти роҳбарии раис С.Қурбонов «Ориёно» 8 июли соли 1993 аз нав аз қайди шӯъбаи адлия гузаронда шуд.

Раёсати «Ориёно» мунтазам кӯшиш мекунад, ки аъзоёни фаъоли марказ рӯз аз рӯз зиёд гардад.

Ойинномаи БФТ аз сар то охир дар асоси талабҳои қонун дар бораи ҷамъиятҳои иҷтимоӣ таҳия карда шудааст.

Масъалаҳои фарҳангӣ, расму русум, оинҳои миллӣ, дастовардҳои забон ва адабиёт, навъҳои гуногуни ҳунар яке аз вазифаҳои муҳими «Ориёно» буда дар байни мардум таблиғу тарвиҷ мешаванд.

Тантанаҳои ҷашнҳои Наврӯз, забони тоҷикӣ, (22-июл) Рӯзи истиқлол (1-сентябр), ҷашни рӯзи Конститутсияи Ӯзбекистон (8-декабр), ҷашни истиқлоли Тоҷикистон (9-сентябр), фестивалҳо, намоишгоҳҳо, озмунҳо ташкил намуда, боиси хурсандии мардум мешаванд. Раёсати «Ориёно» фестивали якуми санъати миллии тоҷикро бо муваффақият ташкил кард. Дар фестивал ҳунарпешагони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон — санъаткорони маҳбуби мардум Ҷӯрабек Муродов, аз ҷавонони пуристеъдод Мардон Мавлонов, Мунира Муҳаммадова, Шавкат Тошматов, Матлуба Дадабоева, ансамбли фолклории оилавӣ таҳти роҳбарии Ҷӯрабой Сойиббердиев, ансамблҳо аз Ангрен, Тошканд, Чирчиқ ва дигар шаҳрҳо дар тадбирҳои «Ориёно» хизмат мекунанд. Дар арафаи фестивали ҳунармандон дар толори намоишгоҳи Маркази Иттиҳодияи рассомони Ӯзбекистон намоиши асарҳои рассомони Тоҷикистон ташкил карда шуд ва зиёда аз даҳ рӯз давом дошт.

Беш аз 15 нафар иштирокунандагони фестивал бо Дипломҳои «Ориёно» мукофотонида шуданд.

Фестивал нишон дод, ки дар Ӯзбекистон имконияти калони ривоҷ додани санъати тоҷик мавҷуд аст. Маълум гардид, ки «Ориёно» метавонад бо ҳамкории дигар ташкилотҳои эҷодӣ санъаткорони миллиро ба атрофи худ ҷамъ намуда, ҳар сол бунёдкорона фестивал барин тадбири оммавиро ташкил кунад. Бо ин восита рӯҳи мардуми тоҷикро баланд бардорад, дар қалбу тафаккури онҳо ҳисси худшиносӣ ва ифтихори миллиро зинда созад.

Яке аз тадбирҳои фоидабахши марказ ташкили озмуни дӯстдорони фарҳанги тоҷик буд. Ба муносибати 70-солагии рӯзномаи «Овози тоҷик» шарт ва мақсадҳои озмун дар рӯзнома эълон карда шуд. Озмун қариб як сол давом кард. Ба номи ҳайати ҳакам аз ҳар гӯшаи ҷумҳурият ва берун аз он ҷавобҳои бисёр сермазмуну дилчасп омада буд.

Ҳазорон дӯстдорони фарҳанги тоҷик, намояндагони бисёр қишри мардум ба таъриху адабиёту санъату фарҳанги худ назар афканданд, саҳифаҳои китобҳоро кушоданд, хонданд ва аҳволи ҳаёти маънавии гузашта ва имрӯзаашонро мушоҳида карданд.Ҳайати ҳакам «Озмуни дӯстдорони фарҳанги тоҷик»-ро ҷамъбаст кард, натиҷаҳояш дар «Овози тоҷик» (14-декабр 1994) эълон гардид. Ғайр аз ин озмуни хаттотон ва устодони сухан — ровиён низ дар «Овози тоҷик» (18 феврал 1998) нашр гардида буд.

Намоишгоҳи асарҳои профессор Додо Нозилов ва рассом Муборак Йӯлдошев ташкил карда шуд. Дар натиҷа М. Йӯлдошев ба унвони «Рассоми мардумии Ӯзбекистон» мушарраф гардид. Намоиши эҷоди хаттотон созмон дода шуд. Дар озмун хаттотони касбиву ҳаваскор иштирок намуданд. Ғолибони озмун бо дипломи Бунёди «Ориёно», мукофотҳои гаронбаҳо ва роҳхатҳо ба кишварҳои хориҷа сазовор гардиданд.

Дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ҷашнвораи таронаҳои тоҷикӣ дар доираи «Иди суруди Ӯзбекистон» тамоми соли 1998 эълон гардид. Ғолибон бо дипломи ҷашнвораи «Ориёно», тӯҳфаҳои гаронбаҳо мукофотонида шуданд. Дар саҳнаҳои бузурги консертӣ баромади ғолибони ҷашнвора ташкил карда шуд. Дар таркиби «Ориёно» нашриёти «Ҳоҷӣ Сотимхон» бисёр китобҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ чоп намуд.

Барои рушду равнақ додан ва мустаҳкам намудани дӯстӣ байни халқҳо, хусусан мобайни мардуми ӯзбеку тоҷик бисёр тадбирҳо ташкил карда шуд. Дар театри ба номи Муқимӣ консерти шашмақомхонон Мастона Эргашева, Маъруфхоҷа Баҳодуров ва Ҷӯрабек Набиев ташкил карда шуд.

Дар фаъолияти даҳсолаи худ «Ориёно» барои гузарондани ҷашни аъзоёни шӯро, оҳангсозон Мутал Бурҳонов, Собир Каримхоҷӣ, Мустафо Бафоев, Алишер Латифзода ҳамкорӣ намуд.

Бахшида ба рӯзи кайҳоннавардон аъзоёни «Ориёно» бо академики Академияи фанҳои Русия ва Ӯзбекистон Шавкат Воҳидов ва таблиғгари адабиёти форсу тоҷик, барандаи мукофоти байналмилалӣ ба номи Фирдавсӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Шоислом Шомуҳаммадов вохӯрӣ гузарониданд.

Маҳфилҳои ёдбуди солгарди Аҳмад ал-Фарғонӣ, Шайх Исмоил ал-Бухорӣ, Баҳоуддин Нақшбанд, шоир Васфӣ, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Ҷонибек Қувноқ, Сипандии Самарқандӣ ташкил карда шуд. Се нафар аз аъзоёни «Ориёно» барои гузарондани ҷашни 60-солагии вилояти Ленинобод (ҳоло Суғд) ба Хуҷанд рафтанд. Ба конфронсҳои солонаи Ассотсиатсияи тоҷикони Қазоқистон «Панҷ» ва маркази маданияти тоҷикони Қазоқистони Ҷанубӣ «Арай» дар Сарияғоч иштирок доштанд.

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон беш аз чорсад мактаби тоҷикӣ мавҷуд аст. Ҳар сол барои мактабҳои тоҷикӣ, синфи 11 озмун аз забон ва адабиёти тоҷик баргузор мегардад. Аъзоёни марказ ба ғолибон тақдирномаҳо ва мукофотҳои гаронбаҳо месупорад. Барои гузарондани озмун ҳамкорӣ мекунад, вохӯриҳо ташкил мекунад. Аъзоёни раёсат ва Шӯрои «Ориёно» бо мактабхонон низ кор мебаранд. Чандин маротиба бо мактаббачагони мактаби тоҷикии рақами 25-и шаҳри Чирчиқ ва мактаби рақами 17 шаҳри Ангрен вохӯриҳо гузаронида шуд.

Бахшида ба 2700 солагии китоби «Овисто» семинарҳои овистошиносон ташкил гардид. Тақдимоти китобҳои нави шоирон ва нависандагон Паймон, А. Субҳон ва Б. Тӯйназаров дар солуни Маркази байналмилалии ҷумҳурӣ баргузор гардид.

Озмуни рассомони ҷавон бо иштироки сафорати Русия аз мактаби ятимбачагони рақами 3-и шаҳри Тошканд дар мавзӯи «Космонавтика» бо ташаббуси аъзои шӯрои «Ориёно» академик Ш. Воҳидов баргузор карда, ғолибони озмун бо тӯҳфаҳои гаронбаҳои «Ориёно» сарфароз гардиданд.

Дар толори китобхонаи давлатии ба номи А. Навоӣ ёдбуди сардафтари адабиёти форсу тоҷик Абӯабдулло Рӯдакӣ баргузор гардид, ки адабиётшиносон, журналистон, шоирону нависандагон иштирок намуданд.

Пас аз чанд моҳ «Ориёно» ва роҳбарияти китобхонаи давлатии ба номи А.Навоӣ ёдбуди Хоҷа Ҳофизи Шерозиро баргузор намуданд. Ҳамин тариқ БФТ «Ориёно» фаъолияти худро идома медиҳад.

**Давлатбек САЪДУЛЛОЕВ,**
**раиси Бунёди фарҳанги тоҷик «Ориёно».**
**Холназар ӮРОЛЗОДА,**
**котиби масъули БФТ «Ориёно».**



**Дар сурат:** маҳфили адабиву фарҳангии «Пайванди ҳамзабонон», ки Бунёди «Ориёно» соли 1993 созмон дода буд.

## Робита

# «Дар ёдам нақш бастаанд, он рӯзҳо»

***Аз собиқ раисони Бунёди фарҳанги тоҷик «Ориёно»-и шаҳри Тошканд Тӯхтамурод НАБИЕВ, ки ҳоло узви раёсати он мебошад, дар Донишгоҳи давлатии агроинженерии Челябинск (Русия) дарс мегӯяд. Дар мусоҳиба бо хабарнигори рӯзнома доктори илмҳои техникӣ, академики Академияи байналмилалии илми аграрӣ, профессор Тӯхтамурод Саҳобович НАБИЕВ аз лаҳзаҳои ҳаёти фарҳангӣ ба ҳайси собиқ раиси он қисса намуд ва инчунин аз хусуси сохтор ва шеваи таълими донишгоҳи худ таваққуф кард.***



**— Чӣ лаҳзаҳо аз лавҳи хотири шумо ҷой гирифтаанд, ки ба ҳаёти Бунёди фарҳанги «Ориёно» иртибот доранд? Фикр мекунам дар ин рӯзҳои ҷашни даҳсолагии Маркази байналмилалии фарҳанги ҷумҳурӣ аз онҳо ёд намудан айни муддао мебуд.**

— Барои ман дар ин ҷашнҳо ширкат намудан хеле хуш меояд ва азбаски худам ҳам қариб ҳамеша бо ҳаёти фарҳангии тоҷикони пойтахт дар ҳайати «Ориёно» ҳамнафас будам, ин воқеа боз ҳам масаррватбахш аст. Ёдам ҳаст он маҳфилу консертҳо, ки ба ин ё он муносибат, ҷашну идҳо созмондиҳӣ мекардем, ки онҳо бо ҳидояти Маркази байналмилалии фарҳанг ҷомаи амал мепӯшиданд. Ҳамаи он рӯйдодҳо дар хотирам хуб нақш бастаанд, ки ҳоло ҳамаи он тадбирҳо муназзам гаштаанд.

**— Собиқ, ки раиси Бунёди «Ориёно» будед, пас аз он дар солҳои охир бо чӣ машғулед?**

— Аз паи кори илмӣ ва чопи китобҳои соҳаи худ будам. Дар солҳои охир дар Донишкадаи ирригатсия ва обёрии кишоварзии Тошканд проректор будам. Аввал дар Ашқобод кӯшиш кардам, ки рисолаи докторӣ ҳимоя кунам, аммо дар Туркманистон шӯрои илмии нав ҳанӯз фаъолияти худро оғоз накарда буд. Баъд водор гардидам, ки дар Челябинск ба шӯрои илмии соҳа муроҷиат намоям. Хуллас дар Донишгоҳи давлатии аграрӣ рисолаи худро ҳимоя кардам. Баъдан профессори кафедраи деталҳои мошин будам.

Соли 1998 вазъи хонавода маҷбур сохт, ки дубора ба Тошканд омада, дар ин ҷо кор кунам. Дар кафедраи агробиотехнологияи Донишкадаи дорусозии Тошканд декан ва профессори кафедраи биотехнология будам... Пас аз якуним сол дафъатан ба Челябинск баргашта, дар кафедраи аввала тадрисро идома додам.

Дар тӯли фаъолияти илмӣ ва дарсдиҳии худ чанд мақолаи методӣ ва илмӣ таҳия намудам, ки баъзе аз онҳо дар Тошканд низ рӯи чопро диданд. Он китобҳои илмӣ ва методӣ ба забонҳои русӣ, фаронсавӣ ва ӯзбекӣ нашр гардиданд.Чун узви Шӯрои машваратии Донишкадаи рушди Челябинск ва Шӯрои минтақавии эҳёи илми Русия (дар Челябинск) аз ман тақозо мегардад, ки дар шароити кунунии танги иқтисодиёти Русия, ки хоси ҳамаи кишварҳои ИДМ мебошад, якҷоя бо ҳамкоронам барои аз ин вазъ баромадан ҷадал намоем. Аз ин боис дар ин шӯроҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ зарур шумурда мешавад, ки робитаҳои пешин барқарор карда шавад, зеро илму кашфиёт ҳадду марз надорад. Албатта дар минтақаи Урал барои тарбияи кадрҳо пеш аз ҳама эътибор калон аст. Ва ин табиист, ки рушду нумӯъи илму тараққиёти минтақа ва вилоят аз ин кадрҳо вобаста мебошад.

**— Чӣ чизи ҷолиб аст, ки имрӯз аз сохти таълими донишгоҳии Русия пазируфтан мумкин?**

— Албатта шоистаи эътибор аст, ки тамоми дарсҳои амалӣ аз тариқи компутер анҷом дода мешавад.Сарфи назар аз тангии иқтисодӣ пояи илм ва тадрис хеле мустаҳкам мебошад. Ва устодону муҳаққиқону олимон дар фаъолияти илмӣ ва таълимии худ тангии иқтисодиро ваҷҳ намешуморанд.

**— Дар донишгоҳи шумо имрӯз стипендияи донишҷӯёну маоши муаллимону профессорон то чӣ андоза қаноатбахш мебошад?**

— Албатта мисли дигар донишгоҳҳо чанд зина дорад. Оддитарини он бештар аз 300 рубл (10 доллар) ва боз стипендияҳои президенту губернаторӣ мавҷуд мебошад, ки аз стипендияи оддӣ якуним-ду баробар зиёд аст. Дар донишгоҳҳои танҳо Челябинск маоши муаллимон аз ҳам хеле фарқ мекунанд. Фаразан дар донишгоҳи мо дотсент беш аз 3 ҳазор рубл гирад, профессор бештар аз 4 ҳазор рубл маош дорад. Дар мактабҳои олии тиҷоратӣ (шартномавӣ) маоши онҳо тақрибан ду баробар зиёд аст. Ман гуфтанӣ нестам, ки дар донишгоҳи мо донишҷӯёни шартномавӣ набошанд.

**— Алоқамандии донишҷӯёни донишгоҳи шумо ба дарсу таълим чӣ гуна аст?**

— Иштиёқи донишҷӯён, албатта, мисли собиқа нест, зеро фикр мекунам, боиси ин тангии иқтисодӣ бошад. Аммо ҳамеша дар китобхонаҳову синфхонаҳо онҳо фаъоланд ва ҷаҳонбинишон васеъ ҳам мебошад. Дар ҳоли ҳозир сохту тарзи таълими собиқаву бакалаврӣ дар амал аст. Тарзи баҳогузорӣ низ мисли пешин ҳамон «панҷбаллӣ» мебошад.

Агарчи Русия дар шеваи таълиму тарбия падидаҳои навро қабул мекунад, бо бурдбориву таҳаммул ва андӯхтани таҷрибаи худ ва дигарон онро татбиқ месозад.

**Суҳбатоaро Тоҷибой ИКРОМОВ.**

